*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 012*
*назди ДДТТ (734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Шарифова Дилором Мустафоқуловна дар мавзуи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар ҷаҳони муосир ва тағйирёбанда рушди иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ ва хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ яке аз масоили мубрами рушди бозор ба ҳисоб рафта, танҳо дар асоси истифодаи асосҳои илмӣ, механизмҳои ҳозиразамон, коркарди механизми танзими давлатии хизматрасонӣ пиёда мегардад. Дар ин раванд нақши хизматрасонии маишӣ ба созмон додани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва минтақавӣ, тағйирёбии қонеъ гардонидани талабот ба молу хизматрасонӣ, вазъи шуғли пурмаҳсул, сатҳи даромади аҳолӣ ва буҷети кишвар таъсири бевосита дорад. Новобаста ба ин аз таҳлилҳо бармеояд, ки на ҳамаи масоили назариявӣ ва амалии ташаккули консепсияи таъмини хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, беҳтарсозии фазои инвеститсионӣ, баландбардории самаранокии сармоягузории воқеию хориҷиро ва такмили низоми танзими давлатии ин соҳа ба пуррагӣ омӯхта шудааст ва пешбурди таҳқиқотҳои махсусро дар назар дорад. Инчунин самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон ҳоло ҳам ба таври зарурӣ дида баромада, таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ актуалӣ будани мавзуи рисолаи Шарифова Д.М. боиси дастгирӣ мебошад.

Аз автореферат дида мешавад, ки дар он заминаҳои консептуалии рушди соҳаи хизматрасонӣ ва нақши он дар таъмини рушди иқтисодии низоми иқтисодиёти бозорӣ дида баромада шуда, равишҳои назариявӣ ва

хусусиятҳои истифодаи онҳо дар соҳаи хизматрасонӣ ва сегментҳои он дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Вобаста ба шароити муосири ичтимоию иқтисодии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ омӯхта шуда, нақши он дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ва пешниҳоди ин хизматрасониҳою чавобгӯ будани онҳо ба талабот муайян карда шудааст. Инчунин хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда роҳҳои амалисозии онҳо дар шароити муосири рушди инноватсионӣ ва идоракунии хизматрасониҳои маишӣ пешниҳод гардидааст.

Аз автореферат дида мешавад, ки аз тарафи муаллиф арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили вазъи хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолии он ва вилояти Хатлон, хело ҷолиб гузаронида шудааст. Таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ омӯхта шуда, пешниҳодҳо оид ба истифодаи он ҳангоми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ сурат гирифтааст.

Дар авторефрат самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ, ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар асоси амсиласозии бисёромилаи иқтисодию риёзӣ пешниҳод шудааст. Ба масъалаи истифодаи Веб-хизматҳо дар асоси технологияи муосири рақамӣ, дастгирии ҳуқуқӣ ҷойи муносиб нишон додашуда, равандҳои дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон то давраи соли 2030 нишон дрлда шудааст.

Мутассифона дар автореферат норасоиҳо низ ҷой доранд. Пеш аз ҳама ҳангоми баррасии хусусиятҳои хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ масъалаҳои аз ҷиҳати молиявӣ таъмини пардохтпазирии аҳолӣ дида баромада нашудааст. Аз тарафи дигар механизми аниқи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон дар автореферат оварда нашудааст.

Камбудиҳои дар тақриз дарҷ гардида ҷузъӣ буда ба мазмун ва баҳои воқеии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса рисолаи пешниҳодшуда дар мавзуи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» кори илмии анҷомёфта буда дорои натиҷаҳои илмию амалӣ мебошад ва ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва ба бандҳои мухталифи Шиносномаи ихтисоси 08.00.05 - Иктисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) мувофиқ буда, муаллифи он Шарифова Дилором Мустафоқуловна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ин ихтисос мебошад.

**Муқарриз,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**ходими пешбари илмии шуъбаи таҳқиқотҳои**
**инфрасохтории Институти иқтисодиёт**
**ва демографияи АМИТ** **Шералиев А.А.**

Имзои Шералиев А.А-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** **Қурбонов Э.**

Суроғаи институт: 734024 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44, тел/факс (+992 37) 221-67-50, E-mail: info@ied.tj Сайт: www. ied.tj